**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**ректори МДТ-и «Донишгоҳи**
**давлатии Хуҷанд ба номи**
**академик Бобоҷон Ғафуров»,**
**профессор Усмонзода Аюб Ислом**
**_______________________**
**«___» __________ соли 2024**

# ХУЛОСАИ
# КАФЕДРАИ АДАБИЁТИ КЛАССИКИ ТОҶИКИ
# МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
# «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»

Диссертатсияи **Султонова Гулбаҳор Абдувайитовна** таҳти унвони **«Маҷмаъ-ул-фурс»-и Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ ва масоили маърифат, нақду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) дар кафедраи адабиёти классики тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба анҷом расидааст.

Султонова Гулбаҳор Абдувайитовна соли 2012 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро бо ихтисоси филолог, омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик бо дипломи аъло хатм намудааст. Аз соли 2017 инҷониб унвонҷӯйи кафедраи адабиёти классики тоҷики муассисаи мазкур мебошад.

Солҳои 2012-2021 ҳамчун омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик дар МТМУ №2-и ноҳияи Шаҳристон фаъолият намудааст. Аз соли 2021 омӯзгори муштараквазифаи кафедраи назария ва методикаи таълими забони тоҷикии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» фаъолият менамояд.

**Роҳбари илмӣ**: **Саидов Саидумрон Ғаниҷонович** - номзади илмҳои филолгӣ, дотсенти кафедраи адабиёти классики тоҷики факултети филологияи тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» санаи 30.09.2021, қарори № 2 тасдиқ гардидааст.

**Дар рафти муҳокимаи диссертатсия хулосаи зерин қабул гардид:**

Рисолаи номзадии Султонова Гулбаҳор Абдувайитовна таҳқиқоти комилу анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб меёбад, ки аз арзишҳои муҳимми назарию амалӣ ва навгонии илмӣ бархурдор мебошад Аҳамияти таҳқиқи диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки бори аввал ҷанбаҳои адабию матншиносии фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» ва нақши он дар тасҳеҳу нашри осор, маърифат ва шарҳи адабиёт ва осори адабӣ таҳқиқ шудааст. Зеро роҷеъ ба ин фарҳанг ба ҷуз маълумот ва ишораҳои мухтасар кори таҳқиқотии ҷудогона на дар самти забоншиносӣ ва на дар ҷодаи адабиётшиносӣ ба анҷом нарасидааст. Таҳқиқоти мазкур дар ҷодаи шинохти «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ ҳамчун сарчашмаи муҳими адабӣ бо фарогирии намунаҳои шарҳу тафсир, тавзеҳи киноёту ибораҳои шоирона, нақди мутуни фарҳангҳои дигар ва намунаҳои ашъори шоирон, нақду тасҳеҳи осори суханварони асрҳои X-XI дар заминаи фарҳанг басо муҳим ва арзишманд ба назар мерасад.

Ҳадафи меҳварии таҳқиқ, пеш аз ҳама, муайян намудани арзиши адабии «Маҷмаъ-ул-фурс», бозгӯи аҳамияти матншиносии он, нишон додани унсурҳои шарҳу нақд, тафсири киноёту истиороти адабӣ дар фарҳанг ва нақду тасҳеҳ, интисоб ва пайдо намудани намунаҳои тозаи ашъори шоирони асрҳои X-XI мебошад.

**Аҳамияти назарию амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мешавад, ки натиҷаҳои он дар рушди минбаъда ва ҳаллу фасли масъалаҳои тозаи адабиётшиносии назариявию амалӣ, фарҳангнигорӣ, матншиносӣ, нақду тасҳеҳ ва шинохти паҳлуҳои мухталифи илмҳои мазкур, маърифат ва шарҳи адабиёт хизмат хоҳад кард. Натиҷаҳои тадқиқот барои муайян кардани ашъори бозмондаи суханварони асрҳои X-XI, дарёфти шакли саҳеҳ ва маънии дурусти силсилаи киноёту истиороти шоирона, нақду тасҳеҳи теъдоди абёти шоирони асрҳои X-XI мусоидат намуда, дар бораи шарҳу тафсири маҳорати суханварии Сурурии Кошонӣ ҳамчун шоир нақши муассир мегузорад.

Ҳамчунин, маводи диссертатсия дар таҳқиқи масоили меҳварии адабиёти классикии форсӣ – тоҷикӣ ва иҷрои корҳои зерин аҳамияти амалӣ дорад:

- барои таҳияи китобҳои дарсӣ ва маводи таълимӣ аз рӯи фанҳои таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, луғатшиносӣ, матншиносӣ ва нақду сухансанҷӣ;
- барои таҳияи девон ва ё ашъори мунтахаби суханварони асрҳои X-XI;
- барои танзими фарҳангҳо ва шуруҳи осори адабӣ;
- таҳияи фарҳангҳои муаллифӣ:
- омӯзиши равишҳои тасҳеҳи мутуни адабӣ:
- барои таълифи корҳои илмӣ дар заминаи таҳқиқи фарҳангҳо ҳамчун сарчашмаҳои адабӣ, масъалаҳои матншиносӣ, маърифат ва шарҳи адабиёт;

Дар диссертатсия таҷрибаҳои илмӣ - таҳқиқотии олимону муҳаққиқон, аз ҷумла, С.И. Баевский, Л.С.Пейсиков, М. Муин, А. Деххудо, М.Д. Сиёқӣ, Ш.

Нақавӣ, В.А. Капранов, А.Сангинов, Ҳ.Аҳадов, Ҳ.Рауфов, А.Нуров, А.Отахонова, А.Воҳидов, А.Насриддинов, Д.Баҳриддинов, А.Ҳасанзода, М.Сатторова, Н.Ғиёсов, С.Саидов, Ш.Рустамов ва дигарон истифода шудааст.

**Навгонии илмии диссертатсия.** Навгонии илмии таҳқиқ аз нукоти зерин иборат мебошад:

- муаррифии Сурурии Кошонӣ ҳамчун фарҳангнигор ва шоири асри XVII;
- дафъаи якум роҳу усулҳои интихоби асноди шоҳид ва шарҳи маънои онҳо дар фарҳанг тадкик карда шудааст;
- бори нахуст дар фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» ҷой доштани афкори интиқодӣ исбот карда шудааст;
- дафъаи якум баъзе масоили матншиносии асноди шоҳид баррасӣ гардида, ғалатҳои ошкоршуда бартараф карда шудааст;
- дафъаи аввал фарҳангҳои тафсирӣ ҳамчун сарчашмаи омӯзиши афкори назарии адабӣ муаррифӣ шудааст;
- маротибаи нахуст ин фарҳанг ҳамчун сарчашмаи нодири киноёту истиороти адабӣ ва мақоми муаллифи он дар шарҳу тавзеҳи ин воситаҳои бадеӣ ва маърифати ашъори шоирон бо зикри далелҳо баррасӣ гардидааст.

**Мақсади тадқиқот.** Ҳадафи таҳқиқ мазкур муайян намудани арзиши адабии «Маҷмаъ-ул-фурс», бозгӯи аҳамияти матншиносии он, нишон додани унсурҳои шарҳ ва накд дар фарҳанг, шарҳу тафсири киноёту истиороти адабӣ дар фарҳанг ва накду тасҳеҳ, атрибутсия ва пайдо намудани намунаҳои тозаи ашъори шоирони асрҳои X-XI мебошад. Дар ин замина, омӯзиш ва таҳлили муносибати муаллифи фарҳанг ба нуқтаи назари луғатнависони пешин дар заминаи ашъори шуарои классики форсӣ - тоҷикӣ, «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ, «Меъёри Ҷамолӣ»-и Шамси Фахрӣ, «Шарафномаи Манярӣ»-и Иброҳим Қавомиддини Форуқӣ ва дигар фарҳангҳои асримиёнагӣ аҳамияти муҳим касб кардааст. Ҳамзамон, бо сабаби он ки Сурурӣ худ шоир ҳам буда ва намунаҳои ашъори хешро дар фарҳангаш истифода намудааст, таҳқиқ дар вижагиҳои шеъри шоир ҳам яке аз ҳадафҳои илмӣ қарор гирифтааст.

**Вазифаҳои тадқиқот.** Барои расидан ба ҳадафҳои аслӣ дар рисола саъй шудааст, ки корҳои зерин ба сомон расанд:

- муайян намудани маъхазҳои фарҳанг ва хусусиятҳои истинод бар онҳо;
- муқаррар кардани ҷойгоҳи «Маҷмаъ-ул-фурс» дар фарҳангнигорӣ ва адабиёти форсӣ - тоҷикӣ;
- муайян намудани мақоми Сурурии Кошонӣ ҳамчун шоир ва таҳлили вижагиҳои ашъори бозмондаи ӯ;
- таъйини хусусиятҳои адабии фарҳанг ва бартариҳои он аз луғатномаҳои дигар;
- нишон додани роҳу усулҳои сабти асноди шоҳид ва гузиниши он;

- дарёфти аносири шарҳ ва накд дар фарҳанг;
- тасҳеҳи мутуни осори адибони асрҳои X-XI дар заминаи «Маҷмаъ-ул-фурс»;
- бозёфти абёти тоза ва таҳқиқи интисоби ашъори шуарои асрҳои X-XI;

**Муаллиф масъалаҳои зеринро барои ҳимоя пешниҳод кардааст:**

1. Бар асоси омӯзиши мундариҷа ва муҳтавои фарҳангҳои тафсирӣ муқаррар гарадид, ки аносири накд, тасҳеҳ, маърифати адабиёт, матншиносӣ, сарчашмашиносӣ дар фарҳангнигории форсӣ - тоҷикӣ маҳз дар асрҳои миёна зоҳир гардиданд, ки ин амр дар рушди минбаъдаи улуми накду сухансанҷӣ ва матншиносӣ таъсир гузошта, то ҳол дар танзими фарҳангҳои тафсирӣ ва тадвини ашъори шоирони классики форсӣ - тоҷикӣ хидмат менамояд;
2. Сурурии Кошонӣ низ аз ҷумлаи он фарҳангнигороне ба шумор меравад, ки дар фарҳанги хеш дар баробари шарҳу тавзеҳи вожагон, таъбирҳои мухталиф луғатномаҳои пешинаро мавриди накду баррасӣ қарор дода, андешаҳои интиқодии хешро дар мавриди шеваҳои истифодаи абёти шоҳид, шарху маънигузории вожагону таркибҳо иброз менамояд;
3. Фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» бо баробари фарогирии теъдоди зиёди моддаҳои луғавӣ нисбат ба дигар фарҳангҳои асримиёнагӣ, ҳамчунин киноёту истиороти зиёди адабиро ба таври алоҳида шарҳу тавзеҳ додааст, ки баррасиву таҳқиқи онҳо дар баробари нақши муассир гузоштан дар маърифати матолиби шуаро, ҳунари шоирии суханварон метавонад арзиши муҳими фарҳангро дар шинохи зебоишиносии адабиёт ва завқи баланди бадеии муаллиф баён созад.
4. Муаллифи фарҳанг аз тавзеҳи луғавии моддаҳои шарҳшаванда берун рафта, маълумоти бештареро тавассути истифода аз маъхазҳои илмию соҳавӣ барои аҳли мутолиа пешниҳод кардааст, ки барои дарки маънии мутуни осори адабӣ мусоидат менамояд.
5. Дар «Фарҳанги Сурурӣ» аз намунаҳои ашъори шоирон абёти ҷолиб ҳамчун аснод зикр шудаанд, ки чанде аз онҳо ҳатто дар таркиби девони шоирони классикии форсӣ - тоҷикӣ ба чашм нарасид. Дар канори ин, дар фарҳанг гунаҳои абёте истифода шудаанд, ки тавассути шарҳи вожаи мавриди тавзеҳ ба мо равшан мешавад, ки муаллифи фарҳанг аз нусхаҳои нодир ва қобили эътимоди он барои таълифи асари хеш истифода кардааст.
6. «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ яке аз маъмултарин фарҳангҳои тафсирии асримиёнагӣ маҳсуб ёфта, бо сабаби аз ҷониби худи муаллиф таҳрир ёфтани он дар дарозои асрҳои гузашта, дар намудҳои мухтасару мукаммал нусхабардорӣ гардидааст. Нусхаҳои муътабари фарҳанг то ҳол дар китобхонаҳои бузурги ҷаҳон нигаҳдорӣ карда мешавад.
7. Фарҳанги мазкур аз лиҳози истифодаи сарчашмаҳои муътамад дорои абёти шоҳиди нисбатан саҳеҳ буда, дар заминаи он дар давоми кори тадкиқӣ тасҳеҳу

атрибутсияи баъзе абёт ва ашъори нави шоирон низ муқаррар карда шуд, ки ин амр низ ба корбурди нусхаҳои нодири сарчашмаҳои мавриди истифода аз ҷониби муаллиф дарак медиҳад.

**Муҳтавои мавзуи диссертатсия дар 15 мақолаи илмӣ инъикос ёфтааст:**

А) **Мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд:**

**[1-М]**Султонова Г.А»Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ ва арзиши илмию адабии он [мақола]/ Г.А.Султонова // Паёми донишкадаи забонҳо (маҷаллаи илмӣ) Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. –Душанбе:Нӯшобод, 2022.-№3 [47],- с.127-136.

**[2-М]**Султонова Г.А. Фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» ва хусусиятҳои лексикографии он [макола]/ Г.А.Султонова // Паёми донишкадаи забонҳо (маҷаллаи илмӣ) Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. –Душанбе: Нӯшобод,2022.-№4 4(48),-с.92-102.

**[3-М]**Султонова Г.А. «Фарҳанги Сурурӣ» дар масири фарҳангнигории тоҷик. [макола]/ Г.А.Султонова // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ) Силсилаи илмҳои филологӣ. -Душанбе: Маркази табъу нашр, тарҷума ва баргардон,2023.-№2, -с.207-213.

**[4-М]** Султонова Г.А.Масоили нақду тасҳеҳи мутуни осори адабӣ дар заминаи «Фарҳанги Сурурӣ» [мақола]/ Г.А.Султонова // Ахбори Донишгоҳи давлатии хуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ) Силсилаи илмҳои филологӣ. -Хуҷанд,2023.-№3, -с.97-104.

**[5-М]**Саидов С.Ғ., Султонова Г.А. Нақду баррасии осори Рӯдакӣ дар заминаи «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ [мақола]/ С.Ғ.Саидов, Г.А.Султонова // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ) Силсилаи илмҳои филологӣ. -Душанбе: Маркази табъу нашр, тарҷума ва баргардон,2024.-№2, -с.231-239.

**[6-М]**Султонова Г.А. «Маджмаъ-ул-фурс» Сурури Кошони как литературный источник. Рецензируемый научный журнал:Тенденции развития наука и образования. -№95,- Самара, Март 2023 (часть 2).- с.125-128.

**[7-М]** Султонова Г.А. Нақду тасҳеҳи осори қарни X дар асоси «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ [мақола]/ Г.А.Султонова // Паёми донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ) Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ.-Бохтар, 2023.-1/3 (113).-с.26-32.

**Б) Мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷалла ва маҷмуаҳои илмӣ ба табъ расидаанд:**

**[8-М]** Султонова Г.А. Усулҳои шарҳу тафсир дар «Фарҳанги Сурурӣ» [мақола] / Г.А.Султонова // Паёми Суғд. №3, 2023. -С.87-92.

**[9-М]** Султонова Г.А. «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ чун сарчашмаи адабӣ [мақола] / Г.А.Султонова // Материалы международной научно – практической конференции «XIII Ломоносовские чтения» часть1. Гуманитарные науки. 28-29 апреля 2023 года. Душанбе, -С.271-277.

**[10-М]** Султонова Г.А. Аҳамияти сарчашмашиносии «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ [макола] / Г.А.Султонова // Фаслномаи Камоли Хуҷандӣ №2(34), Хуҷанд:Маркази илмию таҳқиқотии Камоли Хуҷандӣ, 2023.-С.5-12.

**[11-М]** Султонова Г.А. Нусхашиносии «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ [мақола] / Г.А.Султонова // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявии «Масъалаҳои мубрами суханшиносӣ дар ҳавзаҳои илмӣ ва адабии Осиёи Марказӣ» (17-18-уми ноябри 2023).-Хуҷанд, 2023.-С.253-258.

[12-М]Султонова Г.А. Саҳми Пешвои миллат дар рушду таҳкими забони давлатӣ [мақола]/Г.А.Султонова//Пешвои миллат ва рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. Хуҷанд: Дабир, 2021.-С.226-229.

[14-М]Султонова Г.А. «Фарҳанги осори Ҷомӣ» ва баъзе хусусиятҳои лексикографии он [мақола] / Г.А.Султонова // Суханшиноси ҷавон. Маҷмуи мақолоти олимони ҷавон.- Хуҷанд: Андеша, 2020.-С.314-330.

[15-М]Султонова Г. А. Маъникушоӣ ва тафсири осори Мавлоно дар «Фарҳанги «Маснавии маънавӣ» [мақола] / Г.А.Султонова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ –амалӣ. -Бохтар, 2023.-С.194-198.

Диссертатсия кори илмии ба анҷомрасида буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) ба ҳимоя тавсия мегардад.

Хулоса дар маҷлиси кафедраи адабиёти классики тоҷики факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» қабул шудааст.

Кафедраи адабиёти классики тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» диссертатсияи Султонова Гулбаҳор Абдувайитовнаро дар мавзӯи «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Муҳаммадкосим Сурурии Кошонӣ ва масоили маърифат, накду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI» кори илмии баанҷомрасида ва мубрам меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба ҳама талаботи диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст. Дар ин замина диссертатсияи мазкурро барои дифоъ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тавсия менамояд.

Дар маҷлиси кафедра 1 нафар доктори илмҳои филологӣ, 11 нафар номзади илмҳои филологӣ ва 1 нафар сармуаллим иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор»13 нафар, «зид» нест, «бетараф» нест.

Суратҷаласаи №6-ум аз 19-уми январи соли 2024-ум.

**Раисикунанда,**
**номзади илмҳои филологӣ, дотсент,**
**мудири кафедраи адабиёти классики тоҷик** **Ҳоҷиев А.Қ.**

**Маълумот барои тамос:**
Суроға:735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш.Хуҷанд, хиёбони
Исмоили Сомонӣ 52.
Тел: +(992)927623377
E-mail:abdufattoh12@mail.ru

**Котиби ҷаласа,**
**дотсенти кафедраи адабиёти классики**
**тоҷики МДТ-и «ДДХ ба номи академик Бобоҷон**
**Ғафуров», номзади илмҳои филологӣ** **Нуруллоева М.Н.**

«Имзоҳои А. Ҳоҷиев ва М. Нуруллоеваро тасдиқ мекунам»:
**Сардори раёсати кадр ва корҳои**
**махсуси МДТ-и «ДДХ ба номи**
**академик Бобоҷон Ғафуров»** **Наврӯзов Э.М.**

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков, 1.
Тел.: (+992) 117070700
E-mail: n.ehson@mail.ru **«26» январ соли 2024.**